Тақриз

**ба автореферати диссертатсияи Ҳамроев Озодбахт Абдусалимович дар мавзуи «Усулҳои калимасозии сарфию наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (бар мабнои осори бадеӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)**

Дар илми забоншиносӣ яке аз масъалаҳои мубрам дар марҳилаи ҳозира ин омӯзиши усулҳои калимасозӣ дар асоси забонҳои гуногуннизом ва тавассути он нишон додани вижагиҳои ба ҳам монанд ва фарқкунандаи онҳо мебошад.

Дар диссертатсия Ҳамроев О.А. ба таҳлили муқоисавии усулҳои калимасозии сарфию наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар асоси асарҳои бадеӣ даст задааст, ки барои ғанӣ гардидани захираи фонди луғавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ёрӣ мерасонад.

Рисолаи илмии мазкур аз феҳристи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб, нуҳ фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо, руйхати адабиёт ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат буда, дар муқаддима доир ба мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, методҳои таҳқиҳот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, сарчашмаи таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳод шаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тавсиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия маълумот дода шудааст.

Боби аввали рисолаи илмӣ «Асосҳои назариявии масъалаи омӯзиши калима ва калимасозӣ» ном гирифта, аслан сухан роҷеъ ба масоили назариявии калима, калимасозӣ, калимасозӣ ва нақши он дар таркиби луғавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ва андешаҳои забоншиносон роҷеъ ба калимасозӣ дар забонҳои муқоисашаванда меравад. Муаллифи рисола ба ақидаи забоншиносони маъруф Ш. Рустамов ва В.В. Елисева роҷеъ ба шарҳи калимасозӣ розӣ шуда, муътакид аст, ки забонҳои муқоисашаванда усулҳои муайяни вожасозӣ доранд.

Боби дуюми рисолаи илмӣ «Усулҳои калимасозии сарфӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» номгузорӣ карда шуда, роҳҳои калимасозии сарфии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таҳлил шудаанд.

Боби мазкур аз ду фасл иборат мебошад. Боиси таъкид аст, ки дар он роҳҳои калимасозии вандафзоӣ ва ихтисора ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Муаллифи диссертатсия усулҳои калимасозии вандафзоӣ ва ихтисораро дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ҳамчун роҳҳои маъмули

калимасозӣ ҳисобида ба калимасозии сарфӣ дохил менамояд. Инчунин, таснифоти вандҳои забонҳои муқоисашавандаро ошкор намудааст.

Дар боби сеюми рисолаи илмӣ «Роҳҳои калимасозии наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» баррасӣ мегардад. Дар ин боб усули калимасозии конверсионӣ, субстантиватсия, вербализатсия ва калимаҳои мураккаб мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Инчунин, дар фасли сеюми боби сеюм сермаҳсулии калимасозии вербализатсия дар забони англисӣ нисбат ба забони тоҷикӣ мушаххасан баён шудааст.

Хулосаи диссертатсия бо андешаҳои мушаххаси диссертант ба итмом расида, аз он дарак медиҳад, ки масъалаҳои дар таҳқиқот матраҳгардида ҳалли худро ёфтаанд, ки он дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Автореферат бо забони хуби илмӣ навишта шудааст, бо вуҷуди он дар фишурда баъзе иштибоҳҳои имлоӣ ва услубӣ мавҷуд ба назар мерасанд, ки онҳо ҷузъӣ буда, ба сифати таҳқиқот таъсир намерасонанд.

Муҳаққиқ чор мақолаи илмӣ вобаста ба мавзуи диссертатсия дар маҷалаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонидааст.

Қобили қайд аст, ки автореферати диссертатсия моҳирона дар муқоиса бо забони русиаш хеле хуб масъалагузорӣ шудааст.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Ҳамроев О.А. тибқи талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон ба расмият дароварда шуда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) арзанда аст.

Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи забонҳои хориҷии МДТ “Донишгоҳи
давлатии тиббии Тоҷикистон
ба номи Абӯалӣ ибни Сино” Муҳамадиева Зухра Абдуманоновна

Имзои З.А.Муҳамадиева-ро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати рушди кадрии МДТ “ДДТТ
ба номи Абӯалӣ ибни Сино” Б.И. Сафаров

Суроға: Ҷумхурии Тоҷикистон,
734003 ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 139
МДТ “ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино”
Сомона: www.tajmedun.tj